**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

ба **диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯй ихтисоси 03.03.01 – Физиология. ш. Душанбе. – 5 с.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 03.03.01- Физиология, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсиони (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бандҳои зерин тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад:

**Мувофиқи банди 1.** Омӯзиши қонуниятҳо ва механизмҳои нигоҳдории доимиятӣ муҳити дохилии организм.

**Мувофиқи банди 3.** Таҳқиқи қонуниятҳои функсионалии системаҳои асосии организм (асабӣ, иммунӣ, сенсорӣ, ҳаракатӣ, хун, гардиши хун, гардиши лимфа, нафаскашӣ, ихроҷ, ҳозима, инкишоф, тарашуҳи дохилӣ ва ғайра). Таҳқиқи динамикаи равандҳои физиологӣ дар тамоми давраҳои инкишофи организм.

**Мувофиқи банди 6.** Омӯзиши механизмҳои функсияҳои ҳуҷайраҳо, бофтаҳо, узвҳо, принсипҳо ва системаи ташкилаҳои онҳо.

**Мувофиқи банди 8.** Омӯзиши механизмҳои физиологии мутобиқшавии одам ба ҳама гуна шароитҳои ҷуғрофӣ, экологӣ, меҳнат, нутқ ва иҷтимоӣ.

**Мувофиқи банди 12.** Механизми физиологии мутобиқшавии ба ҳама гуна шаклҳо, намудҳо ва шароитҳои фаъолият аз он ҷумла ба шароити экстремалӣ. Коркарди муханизми идоракунии мутобиқшавии функсияҳои физиологии одам ба шароитҳои қаҳратуни табиӣ – иқлимӣ.

**Мубрамияти мавзуи тадқиқот**. Ҳангоми иҷрои тамрини дарозмуддат дар бадани варзишгарон равандҳои физиологие ба амал меоянд, ки баъдан дар фаъолияти организм нишонаи худро мегузаронанд. Чунин равандҳоро мо ҳангоми иҷрои корҳои ҷисмонӣ, ҷараёни тамрин ва мусобиқаҳои варзишӣ мушоҳида мекунем.

Ҳангоми сарбориҳои тӯлонӣ ва максималӣ тағйирот дар равандҳои физиологии бадани варзишгарон ба вуҷуд меояд, ки афзоиши сарфи энергияро ба амал оварда ва баъдан ба коҳиш ёфтани қобилияти амалҳои ҷисмонӣ алоқаманд мебошад. Дар аксарияти ҳолатҳо организм то ҳадди муайян қобилияти мутобиқшавӣ ва

баркарор кардани фаъолияти физиологиро амалӣ месозад. Дар ҳолатҳое, ки захираҳо тамом шуданд дар ҷараёнҳои физиологӣ тағйироти аниқ ва халалдоршавӣ ба амал меояд. Минбаъд барои барқарор ва ба эътидол овардани фаъолияти организм миқдори зиёди вақт сарф мешавад ва баъзан равандҳои барқароршавӣ аз сабаби тағйироти зараровар дар сохтори узвҳо ё системаи узвҳо ғайри имкон мегардад.

Бинобар ин олимони соҳаи тиб ва биологияро зарур аст, ки маводҳои гуногуни табииеро аз набототи флораи ҷумҳурӣ интихоб намоянд, ки хусусияти нерубахшӣ, барқароркунандаи қувваи ҷисмониро дошта бошанд, аз тарафи дигар ин гуна маводҳо барои организм тамоман безарар бошанд. Бо ин мақсад дар тибби ҷаҳонӣ, маводҳои фармакологиеро истифода мебаранд, ки табиати мутобиққунонӣ доранд. Аксарияти мутобиққунониҳо аз олами растаниҳо гирифта шуда, хусусияти муҳимтарини онҳо аз он иборат аст, ки истифодаи тӯлонии онҳо ба организм зарар нарасонида дар навбати худ мутобиқати организмро ба шароитҳои номусоиди табиӣ таъмин мекунанд. Дар тибби варзишӣ ҳарчи бештар мутобиққунониҳои табиати набототӣ доштаро ба монанди: қиёми мардумгиёҳ, лимонники чинӣ, афшураҳои элеутерокок, ва заринрешаро истифода мебаранд.

**Навгониҳои илмӣ**.

1, Зери таъсири қиёми решаи ширинбия, заринреша ва качим, басомади кори дил ва фишори шараёнӣ дар давраи тамрин тезтар барқарор гардида басомади нафаскашӣ, инчунин ҳачми ҳаётии шуш баланд гардида, ҳангоми сарбории ҷисмонӣ қобилияти қоршоямии фаъолияти физиологии мушакҳо беҳтар гардонида мешавад.

2. Муайян карда шуд, ки пас аз истифодаи шарбати ширинбия, заринреша ва качим дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ миқдори эритроситҳо ва консентратсияи гемоглобин баланд гардида, миқдори лейкоситҳо ва қобилияти муҳофизатии онҳо беҳтар мегардад. Дар зери таъсири шарбати растаниҳои мазкур пас аз сарбории ҷисмонӣ миқдори глюкоза, чарбҳо кам гардида, миқдори сафедаҳо зиёд мегардад. Дар зери таъсири шарбати растаниҳои ширинбия, заринреша ва качим фаъолнокии ферментҳо муътадил гардида қобилияти бо энергия таъминкунии мушакҳо беҳтар мешавад.

3. Санҷиши қиёсии хусусиятҳои мутобиққунандаҳои шарбати ширинбия, заринреша ва качим муайян сохт, ки аз ҷиҳати таъсир нисбати кори дил, ҳачми ҳаётии шуш, миқдори эритроситҳо, консентратсияи гемоглобин, миқдор ва фаъолияти лейкоситҳо,

миқдори сафедаҳо ва чарбҳо решаи качим дар ҷойи аввал, решаи зиринреша дар ҷойи дуюм ва решаи ширинбия дар ҷойи сеюм қарор доранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Нахустин маротиба дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хусусиятҳои мутобиқкунандаҳои набототӣ омӯхташуда, муайян гардид, ки истеъмоли шарбати растаниҳои мазкур ҳангоми тамрин ва сарбории ҷисмонӣ дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ, хусусияти барқароршавии нишондодҳои физиологиро беҳтар намуда, қобилияти коршоямии мушакҳои онҳоро баланд гардонида, варзишгаронро ба шароити тағйирёбандаи мусобиқаҳо мутобиқ мегардонад.

Аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири қиёми решаи ширинбия, заринреша ва качим ҳангоми сарбории ҷисмонӣ, хусусияти мутобиқкунандагии онҳо дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ ба таври илмӣ асоснок карда шуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокии натиҷаҳо зимни таҳқиқот бадастомада бо истифодаи усулҳои муосири физиологӣ ва таҷҳизотҳои муосир, таҳлили натиҷаҳо тасдиқ карда мешаванд. Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардашуда боэътимод буда, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои дар диссертатсия дарҷ гардида дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ гузориш ва муҳокима карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 159 саҳифа таҳия шуда, аз муқаддима ва 4 боб, тавсифи маводҳо ва усулҳои таҳқиқотӣ, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёти, истифодашуда ки 244 (188 манбаи ватанӣ ва кишварҳои ИДМ, 56 муаллиф аз хориҷи дур) иборат мебошад. Дар диссертатсия 24 ҷадвал ва 19 расм ҷой дорад.

**Дар муқаддима** муаллиф аз доираи анъана берун нарафта, дар бораи гузориши масъала, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, номбурди сарчашмаҳои илмӣ ва назарӣ, аҳамияти илмӣ ва назарии рисола, усулҳои тадқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳод гардида, аҳамияти амалӣ ва сохтори рисола маълумоти мушаххас доданро лозим донистааст.

**Дар боби якмум** шарҳи адабиёт, маълумоти умумӣ буда аз рӯи мавзӯи муҳокимагардида аз 4-зербор, ки оиди хусусиятҳои биологии таркиби химиявӣ ва истифодаи ширинбия, заринреша ва качим инчунин истифодаи мутобиқкунандаҳои набототӣ дар тибби варзишӣ оварда шудааст.

**Дар боби дуюм** мавод ва усулҳои таҳқиқот тасnифи умумии таҷрибаҳо, усулҳои истифода гардида ва миқдори варзишгарони дар тадқиқот иштирок намуда дарҷ гардидааст. Дар ин боб инчунин усулҳои физиологӣ, таҳлили гемотологӣ, биохимиявӣ, оварда шудааст.

**Дар боби сеюми** рисола натиҷаҳои таҳқиқоти худи унвонҷӯй буда аз 7-зербоб иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф оиди технологияи тайёр намудани шарбати ширинбия, заринреша, качим, муҳлати истифодабарии шарбат, хусусиятҳои физики ва органолиптикии шарбат ба таври мухтассар оварда шудааст.

**Дар боби чоруми** рисола оиди муҳокимаи натиҷаҳои тадқиқот буда дар он хулосаи таҷрибаҳои гузаронида шуда бо натиҷаҳои дар адабиёти илмӣ мавҷуд буда муқоиса гардида нуктаҳои асосии илмии худро асоснок намудааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронида шуда тартиб дода шуда ба мақсади гузошта шуда ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда моҳияти калони илмӣ ва амалӣ доранд. Мақолаҳои чоп гардида моҳияти асосии рисолаи номзадиро фаро гирифтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ 15–мақола, аз ҷумла 9 – мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин 6 – мақолаи илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссератсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиони (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатия аз рӯйи муҳимияти худ, мавзӯъ, мақсад, вазифа, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ натиҷаҳо оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabr*a L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» як қатор норасогиҳо ҷой доранд:

1. Дар рисола адабиёт илмии 5-соли охир кам вомехуранд.
2. Дар рисола баъзе хатогиҳои имлои, китобат ва услуби мушоҳида мешаванд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзуи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш (ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология нешниҳод шудааст, дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расонида шуда, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқаризми расмӣ:**
доктори илмҳои тиб, профессор,
директори Пажӯҳишгоҳи тибби
бунёдии МДТ "Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба номи
Абӯалӣ ибни Сино" Табариён Баҳром Сафар

«25» 12 соли 2025

**Суроға:** 735400, ҶТ, ш.Ваҳдат, куч. 20-Истиқлолият, х.17,
**Телефон:** (+992) 917-29-29-01
**E-mail:** tabarov-bahrom@mail.ru

Имзои Табариён Баҳром Сафарро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати рушди кадрии
МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" Сафаров Б.И.

«26» 12 соли 2025

**Суроға:** 734003, ҶТ, ш.Душанбе, н.Сино, куч.Сино 29-31
**Тел.:** (+992) 446-600-3977, 2353496
**Факс:** 2243687
**E-mail:** info@tajmedun.tj

30.12.2025